# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

Дар бораи Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.06.2017 № 277)

Мутобиқи моддаи 38 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тибқи тартиби муқарраргардида мавриди истифода. қарор диҳад.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2003, № 44 "Дар хусуси тасдиқи Созишнома дар бораи Номгӯи умумии молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Иттиҳоди иқтисодии Евразия" аз эътибор соқит дониста шавад.

4. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида созмонҳои байналмилалии дахлдорро дар бораи қабул намудани қарори мазкур огоҳ намояд.

5. Қарори мазкур аз 1 июли соли 2017 мавриди амал қарор дода шавад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.06.2017 № 277).

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 25 феврали соли 2017 № 92